## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ доктори илмҳои педагогӣ, профессор Сафаралиев Бозор ба диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографияшиносӣ ва китобшиносӣ)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Сайзароб Сайали дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» ба зербандҳои 1.2, 2.7 ва 2.9-и банди 3-и Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КАО-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) пурра мувофиқат мекунад.

**Мубрамии мавзуи диссертатсия.**

Мубрамияти мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Сайзароб Сайалӣ, қабл аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки он ба таҳқиқи яке аз масъалаҳои мубрами илми библиографишиносии тоҷик – таҳаввулу ташаккул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ, солҳои 1960-1990 бахшида шудааст. Муҳиммияти мавзуи таҳқиқоти мазкур боз дар он зоҳир мегардад, ки мавриди омӯзишу ҷамъбаст қарор гирифтани фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ дар солҳои 1960-1990-и асри XX дар самти китобноманигории осори чопӣ барои таърихнигории давраҳои асосии рушди библиографияи тоҷик ҳамчун асос замина гузошта, ҷиҳати муайян намудани арзиш ва мавқеи донишу тафаккури библиографӣ дар инкишофи назария ва амалияи соҳа мусоидат менамояд.

Воқеан, омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуъ ва ҷамъбасти натиҷаҳои илмии он дар ин давраи таърихӣ имкон медиҳад, ки доир ба масъалаи таҳқиқшаванда донишҳои нави илмӣ ба даст оянд, ҳамзамон раванди таҳаввули навъҳои гуногуни библиографияи тоҷик ва дурнамои рушди онҳо ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини рушди устувори иҷтимоиву фарҳангии мамлакат арзёбӣ гардад. Дар ин давраи таърихӣ китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ бинобар сабаби рушди технологияҳои иттилоотӣ ва дигаргуниҳои иҷтимоию иқтисодӣ таҳаввулоти назаррасро аз сар гузарониданд. Равандҳои кори китобхонаҳо автоматӣ кунонда шуданд, нақши китобхонаҳои оммавӣ афзуд, доираи хизматрасонии онҳо васеъ

гардид, муносибат ба ташкили фазои китобхона ва кор бо истифодабарандагон дигаргун шуд. Доир ба соҳаҳои гуногуни дониш навъҳои мухталифи дастурҳои библиографӣ чоп шуданд. Солҳои 1960-1990 дар фаъолияти библиографии китобхонаҳои ИҶШС, аз ҷумла ҶШС Тоҷикистон тағйироти ҷиддие ба амал омад, ки бо рушди шабакаи китобхонаҳо ва технологияи иттилоотӣ алоқаманд буд. Китобхонаҳо дар ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, тарғиб ва нашри маводи чопӣ, инчунин корҳои иттилоотӣ-библиографӣ фаъолона иштирок карданд. Дастурҳои нави библиографӣ, ки соҳаҳои гуногуни донишро дар бар мегиранд, таҳияву интишор ёфтанд, нишондиҳандаҳои мавҷуда такмил дода шуданд. Ин дастурҳо ба истифодабарандагон кӯмак карданд, ки ҷараёни бузурги иттилоотро паймоиш кунанд ва ҳуҷҷатҳои заруриро саривақт пайдо намоянд. Библиография дар таъмини истифодабарандагон бо иттилооте, ки барои тадқиқот, таълим, рушди фарҳанг ва ҳалли амалии мушкилот заруранд, нақши муҳимтар бозидааст. Дар робита ба ин, омӯзиши таърихи библиография дар солҳои 60-90-ум бо сабабҳои зерин аҳаммияти зарурӣ дорад: якум, дар он давра ташаккули библиография ҳамчун илм идома дошт, дуюм, библиография ҳамчун фанни ёрирасони таърихӣ инкишоф ёфт, сеюм, ҷиҳатҳои таърихии фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографии ҷумҳуриҳои бародар мавриди омӯзиш қарор гирифанд. Илова бар ин, омӯзиши ин давра ба мо имкон медиҳад дарк намоем, ки функсияҳо, усулҳо ва самтҳои асосии кори библиографӣ чӣ тавр ташаккул ёфтаанд, дар ин ҷараён кадом муассисаҳо ва мутахассисон иштирок кардаанд, чӣ гуна нашрияҳои библиографӣ офарида шудаанд ва онҳо чӣ гуна ҳадафҳоро пайгирӣ карда, чӣ гуна истифода мешуданд. Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Нодирзода Сайзароб Сайалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» мубрамиятро касб карда, имкон медиҳад, ки чигунагии раванди ташаккул ва рушди низоми библиография дар Тоҷикистонро дар замони Ҳокимияти Шуравӣ, инчунин он чӣ гуна вазифаҳоро ҳал карда, чӣ гуна таҳаввулотро паси сар кардааст, муайяну мушаххас карда шаванд. Ин барои фаҳмидани таърихи фарҳанг, илм ва маорифи тоҷик, инчунин барои баҳо додан ба таъсири идеологияи шуравӣ ба инкишофи соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа дар давраи муайяни таърихӣ аҳаммияти калон дорад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Навгонии илмии таҳқиқот, қабл аз ҳама, дар он аст, ки масъалаи равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990

нахустин бор дар шакли монографӣ дар заминаи таҳлили доираи васеи маводи бойгонӣ, маъхазҳои чопӣ ва теъдоди зиёди асарҳои библиографӣ, мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Дар баробари ин, диссертант, ҷиҳати ҳаллу фасли масъалаҳои дар таҳқиқот гузошташуда, шумораи зиёди маводи нашршуда ва нашрнашударо мавриди ҷамъоварӣ, коркард ва омӯзиш қарор додааст, ки бештари онҳо бори нахуст аз нигоҳи илмӣ баррасӣ гардидаанд. Ҳамчунин, пажуҳиши мазкур на танҳо дастоварду камбудиҳои фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографии замони шуравиро муайяну мушаххас кардааст, балки барои густариши таҳқиқоти минбаъда дар китобшиносӣ ва библиографишиносии тоҷик заминаи назаррас фароҳам овардааст.

Нуктаҳои илмии зерин, ки аз ҷониби диссертант ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот бадастомадаро барои баррасӣ муаррифӣ карда, мундариҷа ва муҳтавои мантиқии таҳқиқоти диссертатсиониро инъикос мекунанд:

1. Асоснок намудани библиографияшиносӣ ҳамчун илми мустақил, ки дар давраи таҳқиқшаванда масъалаҳои рушди самтҳои афзалиятноки библиография: созмондиҳии дастгоҳи маълумотию библиографӣ, услуби таҳияи навъу шакл ва жанрҳои мухталифи дастурҳои библиографӣ, роҳандозии хадамоти маълумотӣ-библиографӣ, иттилоотӣ-библиографӣ, тавсиявӣ-библиографӣ ва омӯзишу тарғиби донишҳои библиографиро мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлил қарор додааст;

2. Дастовардҳои назарраси рушди библиографияи тоҷик дар даврони Шуравӣ аз бисёр ҷиҳат ба омилҳои зерин: зиёдшавии теъдоди нашри китоб ва матбуоти даврӣ; таъсиси китобхонаҳои нав ва роҳандозии низоми нави марказонидани китобхонаҳо; афзудани эҳтиёҷоти иттилоотии ҷомеа; вусъат ёфтани фаъолияти марказҳои библиографӣ ва шуъбаҳои библиографии китобхонаҳо; тайёр кардани мутахассисони баландихтисос дар муассисаҳои таълимии миёна ва олии касбии соҳаи китобдорӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он; созмондиҳии курсҳои такмили ихтисос, бозомӯзӣ ва семинарҳои омӯзишӣ, робитаи ногусастанӣ доранд;

3. Равандҳои таҳаввул ва рушди фаъолияти Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва омӯзиш қарор дода шуда, функсияи он аз ҷиҳати назарӣ ва илмӣ-методӣ асоснок карда шудаанд;

4. Муҳиммият ва аҳаммияти баргузории экспедитсияҳои илмӣ ҷиҳати ҷамъоварӣ, коркарди адабиёти дастрасшуда ва дар заминаи он таҳияи дастурҳои нави библиографии чопӣ ва электронӣ, ки бо сабабҳои айниву зеҳнӣ он осори чопӣ дар силсилаи дастурҳои библиографии ҷорӣ ва тарҷеъии Палатаи давлатии китобҳои Тоҷикистон шомил нашудаанд, зарурияти аввалиндараҷа пайдо мекунад;

5. Таҷрибаи ғании марказҳои библиографӣ, аз қабили КМТ, КМИ ба номи И. Ганди АМИТ, КДБҶ ба номи М. Миршакар, КҶИТТ, Китобхонаи давлатии патентию техникӣ ва китобхонаҳои илмии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ мавриди омӯзиш ва хулосагирӣ қарор дода шуда, ҷойгоҳ ва саҳми бузурги онҳо дар таҳаввул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявӣ баррасӣ ва собит шудааст;

6. Шартҳои муҳимми таҳаввул ва рушди минбаъдаи библиографияи тоҷик, ки аз бисёр ҷиҳат ба тақвияти заминаҳои моддиву техникии муассисаҳои библиографӣ, бо мутахассисони баландихтисос таъмин кардани марказҳои библиографӣ ва шуъбаҳои библиографии китобхонаҳо, такмили сохтор ва зиёд намудани теъдоди нашри дастурҳои библиографӣ бо дарназардошти эҳтиёҷоти китобхонаҳо ва марказҳои иттилоотӣ, роҳандозии нашри дастурҳои библиографии электронӣ ва тарғиби онҳо тавассути шабакаҳои интернетӣ вобастагии зич доранд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Дар диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайалӣ хулосаҳо ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқи назариявӣ ва амалӣ пешниҳод шудаанд. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводди таҳқиқотӣ, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Тавсияҳои дар бахши «Истифодаи амалии натиҷаҳо» ифодаёфта, ҷанбаҳои воқеӣ ва муосири масъалаи таҳқиқшавандаро дар бар гирифта, имкони истифодаи онҳоро дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, омодасозии кадрҳо, таҷдиди инфрасохтор, баргузории экспедитсияҳои илмӣ ва таҳқиқоти сотсиологӣ дар замони муосир фароҳам месозад. Ҳамаи хулосаҳо бо матни асосӣ ва маводди истифодагардида робитаи мустақим доранд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки диссертант бо маводди таҳқиқотии худро ба таври амиқ ва бо масъулияти том таҳлилу натиҷагирӣ кардааст. Бо назардошти навиштаҳои боло, метавон гуфт, ки хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта асоснок, муътамад ва дар амалияву таҳқиқоти илмии минбаъда қобили истифода мебошанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия, ҳаҷм ва сохтори он.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз руйхати ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, хулоса, рӯйхати манбаъҳо, адабиёти истифодашуда, замимаҳо иборат буда, дар 202 саҳифаи чопӣ компютерӣ дарҷ шудааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот, сатҳи илмии омӯзиши он асоснок карда шуда, мақсаду вазифаҳо, объекту предмет, фарзияву методҳои таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии он, навгонии илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалии

таҳқиқот муайяну мушаххас гардида, эътимоднокии натиҷаи таҳқиқот ва саҳми шахсии довталаб дар таҳқиқот шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – «Пайдоиш, таҳаввул ва рушди назария ва амалияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990» ном дошта, аз 2 зербоб иборат аст. Дар ин боб масъалаҳои марбут ба таърихи пайдоиши назарияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990 мавриди омӯзиш қарор гирифта, дар заминаи фаъолияти Палатаи китобҳои Тоҷикистон, ки вазифаи маркази библиографияи давлатиро дар ҷумҳурӣ иҷро менамоянд, даврахои асосии рушди библиографияи давлатӣ таҳқиқ шудааст.

Дар зербоби аввали боби якуми диссертатсия – «Заминаҳои пайдоиш, таҳаввул ва рушди назарияи библиографияи тоҷик дар солҳои 1960-1990» муаллиф сараввал мафҳумҳои марбут ба мавзуъро шарҳу тавзеҳ дода, кушиш кардааст, ки андешаҳои худро роҷеъ ба мафҳуми "Библиографишиносӣ" баён намояд. Сипас асарҳои илмии библиографияшиносони тоҷик: Р. Шарофзода, А. Раҳимов, С. Муҳиддинов, Ш. Комилзода, Қ. Бӯриев (Абдураҳимзода) ва дигаронро воқеъбинона таҳлил карда, самтҳои асосии рушди назарияи библиографияи тоҷикро муайяну мушаххас намудааст. Диссертант барои асоснок кардани андешаҳои худ бештар ба натиҷаи фаъолияти марказҳои библиографӣ ва муассисаҳои таълимӣ такя карда, саҳми онҳоро дар шаклгирию рушдёбии назарияи библиография нишон додааст.

Бақайдгирии тамоми маҳсулоти чопии дар қаламрави ҷумҳурӣ нашршуда ва дар заминаи он таҳияву интишори нишондиҳандаҳои ҷории "Солномаи матбуоти ҶШС Тоҷикистон" нишондиҳандаҳои тарҷеъии "Китобҳои Тоҷикистони Советӣ", ки дар соҳои 1960-1990 ба рушди библиографияи давлатии тоҷик такони ҷиддӣ доданд, ба зиммаи Палатаи китобҳои ҶШС Тоҷикистон вогузор шуда буд. Масъалаи мазкур дар зербоби дуюми боби аввали диссертатсия – «Фаъолияти Палатаи китобҳои Тоҷикистон ҳамчун маркази библиографияи давлатӣ дар солҳои 1960-1990» таҳқиқ шудааст. Диссертант дар ин зербоб тавонистааст тамоми нашрияҳои ҷорӣ ва тарҷеъии Палатаи давлатии китобҳои Тоҷикистонро дар солҳои 1960-1990 дақиқназарона таҳлил намояд ва дастоварду камбудиҳои ин нашрияҳоро нишон диҳад.

Китобхонаҳои Тоҷикистон дар радифи дигар китобхонаҳои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бештар дар таҳияву интишори дастурҳои библиографияи илмӣ-ёрирасон ва дастурҳои библиографияи тавсиявӣ саҳм гузоштанд ва ин боис гардидааст, ки ҳамчун объекти таҳқиқ дар боби дуюми диссертатсия – «Равандҳои таҳаввул ва рушди библиографияи илмӣ-ёрирасон ва тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990» мавриди баррасӣ қарор гирад.

Дар зербоби якуми боби дуюми диссертатсия «Рушди библиографияи илмӣ-ёрирасони тоҷик дар солҳои 1960-1990» фаъолияти китобхонаҳои калонтарини ҷумҳурӣ, аз қабили Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ, Китобхонаи марказии илмии ба номи И. Гандии Академияи илмҳои Тоҷикистон (ҳоло АМИТ), Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии бачагона (ҳоло ба номи М. Миршакар) ва дигар китобхонаву марказҳои библиографӣ дар таҳияву интишори дастурҳои библиографии илмӣ-ёрирасон барои олимону мутахассисони соҳаҳои гуногуни илм мавриди омӯзишу таҳлил қарор гирифтааст. Дар ин зербоб саҳми Китобхонаи марказии илмии ба номи И. Гандии Академияи илмҳои Тоҷикистон дар бароришн силсилаи дастурҳои библиографии шарҳиҳолии олимони тоҷик ва нишондиҳандаҳои илмӣ-ёрирасони тарҷеъии "Феҳристи рисолаҳои номзадию доктории дар заминаи маводи ҶШС Тоҷикистон дифоъшуда" иборат аз 3 ҷилд (1960, 1970, 1976), "Илм дар Тоҷикистони Шуравӣ" иборат аз 2 ҷилд (1963, 1976), «Феҳристи дастхатҳои шарқии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон» иборат аз 6 ҷилд (1960, 1968, 1970, 1974, 1988) нек арзёбӣ шуда, вежагиҳои таҳияву интишори нишондиҳандаҳои илмӣ-ёрирасони тарҷеъӣ шарҳу тавзеҳ ёфтаанд.

Дар зербоби дуюми боби дуюми диссертатсия «Равандҳои рушди библиографияи тавсиявии тоҷик дар солҳои 1960-1990» диссертант дар заминаи таҳлилу баррасии фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографии замони шуравӣ дар самти таҳияву интишори дастурҳои библиографияи тавсиявӣ, ба хулосае омадааст, ки тӯли солҳои 1960-1990 ин намуди библиография нисбат ба дигар навъҳои библиографияи тоҷик тадриҷан рушд намуда, дар қонеъ гардонидани ниёзҳои иттилоотии оммаи васеи хонандагон саҳми муносиб гузоштааст. Дар ин зербоб саҳми Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ ҳамчун маркази илмӣ-методӣ барои китобхонаҳои Тоҷикистон дар омодасозиву нашри силсилаи дастурҳои библиографияи тавсиявӣ доир ба мавзуъҳои гуногун барои доираи васеи хонандагон хеле назаррас арзёбӣ шуда, нишондиҳандаҳои интишоркардаи китобхона таҳлил шудаанд.

Дар бахши хулосаи диссертатсия, ки фарогири 8 банду 22 зербанди назариявӣ ва 10 тавсияи амалӣ мебошад, натиҷаҳои асосии таҳқиқоти анҷомёфта ҷамъбаст гардидаанд. Дар ин бахш дастовардҳои илмии диссертант дар банду зербандҳои алоҳида муаррифӣ шуда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ касб намудаанд, ки дар маҷмуъ симои илмии пажуҳиши анҷомёфтаро пурра инъикос мекунанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.**

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар он аст, ки натиҷаҳои он барои амиқтар гардидани асосҳои назариявӣ ва методии такмили фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ дар шароити соҳибистиқлолии Тоҷикистон имконият фароҳам оварда, самтҳои асосии баланд бардоштани сатҳу сифати истеҳсол (таҳияву интишор) ва истифодаи дастурҳои библиографӣ муайян карда мешаванд. Ҳамзамон, натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли пешниҳоду хулосаҳои илмӣ манзури олимону мутахассисони соҳа гардида, ҳангоми таҳияи осори ҷамъбастӣ оид ба таърихи библиографияи тоҷик, барномаҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, консепсияву барномаҳои давлатӣ ва таълими фанҳои тахассусӣ, аз қабили «Таърихи библиографияи тоҷик», «Услуби таҳияи дастурҳои библиографӣ», «Асосҳои дониши библиографӣ» ва яке аз фанҳои назариявии «Библиографишиносӣ» дар муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ мавриди истифода қарор мегиранд.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқоти тақризшаванда дар он ифода меёбад, ки муқаррароти назариявӣ, методӣ, хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда барои коркарди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳияи барномаҳои давлатии рушди соҳа замина гузошта, ҷиҳати беҳтар намудани хадамоти китобдорию библиографӣ ба аҳолӣ мусоидат менамоянд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Муқаррароти асосии назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шакли маърӯза дар конференсияҳову семинарҳои илмӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар давоми солҳои 2018-2024 пешниҳод шудаанд. Илова бар ин, муқаррарот ва натиҷаи асосии таҳқиқоти мазкур дар 21 мақолаи илмии диссертант ба табъ расидаанд, ки аз ин 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи аз ҷониби КОА-и назди Президенти Ҷукмҳурии Тоҷикистон тавсиягардида чоп шудаанд. Ҳамзамон, натиҷаҳо ва нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия дар ҷараёни таълими фанни «Таърихи библиографияи тоҷик» дар факултети китобдорӣ ва иттилоотшиносии МДТ «ДДФСТ ба номи М. Турсунзода» дар амал татбиқ шудаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Тартиби таҳияи диссертатсия ва автореферат тибқи талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023, №295)" ба

тасвиб расидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводди илмӣ, ки бо фармоиши раиси КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, ба расмият даровардa шуда, ба талабот ҷавобгӯй мебошад. Автореферати диссертатсия мазмуни мухтасари диссертатсияро ифода намуда, доир ба моҳияти таҳқиқоти гузаронидашуда ва натиҷаҳои бадастовардаи диссертант тасаввуроти аниқ медиҳад.

Натиҷаҳои бадастомада, эътимоднокӣ, хулосаву тавсияҳо тибқи талаботи санадҳои дар боло зикршуда аз ҷиҳати илмию методӣ асоснок карда шуда, ба миқдори кофӣ бо тавсияву пешниҳодҳои назариявӣ, амалӣ, мисол ва ҷадвалҳо таъмин аст.

**Эроду тавсияҳо барои беҳтар намудани сатҳи илмию назариявӣ ва амалии диссертатсия.**

Дар баробари дастовардҳои назарраси илмиву амалӣ дар диссертатсия ва автореферати он якчанд нуқсонҳои ҷузъӣ низ мушоҳида мешаванд, ки бартараф сохтани онҳо метавонад ба такмили минбаъдаи таҳқиқ ва боло рафтани арзиши илмии кори мазкур мусоидат намояд:

1. Дар диссертатсия таҳлили муқоисавии фаъолияти библиографии китобхонаҳо ва марказҳои библиографӣ бо дигар ҷумҳуриҳо кам ишора шудааст, агар васеътар пешниҳод мешуд, натиҷаҳои таҳқиқотро тақвият мебахшид.

2. Дар автореферати диссертатсия дар бахши "Рӯйхати адабиёт" зери унвони "Китобҳо, дастурҳои библиографӣ ва мақолаҳо" номгӯи осори истифодашуда пешниҳод шудаанд, аммо дар дохили рӯйхат ягон дастури библиографӣ номнавис нашудааст.

3. Дар диссертатсия оид ба инъикоси библиографияи адабиёт доир ба Тоҷикистон дар нашрҳои библиографии дигар ҷумҳуриҳои собиқ иттиҳоди шуравӣ маълумот дода нашудааст.

4. Дар автореферат оид ба паҳлӯи дигари фаъолияти библиографии Палатаи давлатии китобҳои ҶШС Тоҷикистон, ки аз таҳия ва интишори дастурҳои библиографии тарҷеъӣ иборат аст, маълумот нисбатан камтар мебошад. Дар матни диссертатсия ва автореферати он баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ ба назар мерасанд.

Камбудиҳои ишорашуда ба арзиши илмию амалии таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсир намерасонанд ва ислоҳи онҳо барои дар оянда беҳтар гардидани сифати таҳқиқот мусоидат менамояд.

**Хулосаи ҷамъбастӣ.**

1. Диссертатсияи мавриди назар таҳқиқоти мукаммал ва ба итмомрасида маҳсуб ёфта, аз ҷониби довталаб мустақилона дар сатҳи баланди илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионии худ гузоштшуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

3. Диссертатсияи Нодирзода Сайзароб Сайалӣ дар мавзуи «Таҳаввул ва рушди равандҳои библиографияи тоҷик дар замони шуравӣ (солҳои 1960-1990): дастовардҳо ва мушкилот» аз нигоҳи мазмуну муҳтаво ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26.06.2023 №295) тасдиқ шудааст ва «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, автореферагҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзуи диссертатсия (Замимаи 2 ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493) мувофиқат мекунад ва ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ) сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
Доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
сардори шуъбаи рейтинги байналмилаллии
Донишкадаи давлатии забонҳои хориҷии
Самарқанди Ҷумҳурии Узбекистон Сафаралиев Бозор Сафаралиевич

Нишонӣ: индекс - 140104,
Ҷумҳурии Узбекистон, ш. Самарқанд, хиёбони Гагарин 43,
Телефон +79634623048; +998917078449.
E-mail: bozorsafaraliev@mail.ru
«29» 09 соли 2025

Имзои Сафаралиев Бозор Сафаралиевичро тасдиқ мекунам:

O'ZBEKISTON RESPUBLIKASI OLIY TA'LIM, FAN VA INNOVATSIYALAR VAZIRLIGI SAMARQAND DAVLAT CHET TILLAR INSTITUTI
XODIMLAR BO'LIMI

Safaralievning IMZOSINI TASDIQLAYMAN
SamDCHTI KADRLAR